**Бертелс Евгений Эдуардович,** шарқшиноси маъруфи рус. Дар соли 1890/1269 дар Санкт Петербург ба дунё омадааст. Пас аз давраи таҳсилоти миёна, ба Донишгоҳи Санкт Петербург роҳ ёфта, дар назди устодоне чун А.А. Ромаскевич, Фриман, Бартолд ва Элденбург таҳсил кард. Пас аз поёни таҳсилот дар 1920/1299 дар донишкадаи ховаршиносӣ ба тадрис пардохт (Алиев, саҳ. 115-116; Доиратулмаорифи шӯравии таърих, ҷ. 2, саҳ. 377; Донишномаи Ӯзбекистон, ҷ. 2, саҳ. 187; Доиратулмаорифи бузурги шӯравӣ, зайли модда; Саҳоб, саҳ. 64; Эроника, зайли модда) ва дар ҳамон замон ба Музеи халқҳои Осиё (ниг.: Ховаршиносии Русия) пайваст ва то поёни умр дар он ҷо машғул ба кор буд. Дар 1928/1307 аз Донишгоҳи Санкт Петербург унвони профессорӣ дарёфт кард. Дар 1932/1311 сарпарастии бахши забон ва таърихи Тоҷикистонро дар Академияи илмҳои Ҷамоҳири Шӯравӣ ба ӯҳда гирифт ва дар 1939/1318 ба сарпарастии бахши эроншиносии кафедраи забонҳои шарқӣ баргузида шуд. Дар 1950/1329 ба Москва интиқол ёфт ва дар 1957/1336 дар ҳамон ҷо даргузашт (Алиев, саҳ. 116; Доиратулмаорифи шӯравии таърих, ҳамон ҷо; Энсиклопедияи советии тоҷик, ҷ. 1, саҳ. 432; Эроника, ҳамон ҷо). Вай 37 сол дар Институти шарқшиносӣ хизмат ва дар Донишгоҳи Москва, Санкт Петербург ва Осиёи Миёна тадрис кардааст (Доиратулмаорифи шӯравии таърих, ҳамон ҷо).

Бертелс шарқшиноси пуркор буд; ӯ корашро бо тарҷума оғоз кард, чунонки нахустин корҳояш баргардонидани “Гулистон”-и Саъдӣ (1922/1301), “Булбулнома”-и Аттор (1923/1302), “Ҳафт пайкар”-и Низомӣ (1923/1302) ба забони русӣ буд (А. Болдирев, ҷ. 1, саҳ. 9).

Ӯ ҳамчунин дар бораи тасаввуф ва адабиёти тасаввуф ба пажӯҳиш пардохт ва маҷмӯаи таҳқиқоташ дар бораи афкор ва осори Иброҳим Адҳам, Фузайл Аёз, Абулҳасан Харақонӣ, Бобокӯҳии Шерозӣ, Абдулло Ансорӣ, Наҷмиддин Кубро, Шайх Фариддадин Аттор, Муллоҳасан Файзи Кошонӣ ва дигар орифони форсигӯй дар китоби “Тасаввуф ва адабиёти тасаввуф” ба табъ расид, ҳарчанд ин китоб дар шинохти тасаввуф ва орифони мусулмону ва шоирони форсигӯй орӣ аз иштибоҳ нест (ниг.: Таботабоӣ, саҳ. 142-147). Бахши асосии таълифоти Бертелс дар бораи адабиёти форсӣ аст ва бархе аз пажӯҳишҳои арзандаи ӯ дар бораи шоирони форсигӯй, монанди Унсурӣ, Ғазоирии Розӣ, Фаррухӣ, Манучеҳрӣ, Масъуди Саъди Салмон, Саноӣ, Амъақи Бухороӣ, Сӯзании Самарқандӣ ва Низомии Арӯзӣ дар китоби “Таърихи адабиёти форсӣ”-и ӯ дарҷ шудааст. Бертелс дар ҷашни ҳазорумин соли таваллуди Фирдавсӣ, ки дар меҳрмоҳи 1313 дар Эрон баргузор шуд, ширкат дошт ва ба забони форсӣ суханронӣ кард (Саҳоб, саҳ. 64). Ҳамчунин дар кунгураҳои ҷаҳонии ҳунар ва бостоншиносии эронӣ (Москва-Санкт Петербург, 1935/1314), Бӯалӣ Сино (Теҳрон, 1954/1343) ва бисту севумин кунгураи байналмилалии шарқшиносон (Кембриҷ, 1954/1343) бо гузоришҳое дар мавзӯъҳои адабиёти форсӣ ширкат ҷуст (Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик, ҷ. 1, саҳ. 268).

Дар солҳои 1960-1971 (1339-1350) матни илмӣ ва интиқодии Шоҳнома, ба сарпарастии Бобоҷон Ғафуров, бо ҳамкорӣ ва назорати Бертелс, дар Москва таҳия ва баъдан чоп шуд (Алиев, Энсиклопедияи советии тоҷик; "Доиратулмаорифи бузурги советӣ", ҳамон ҷо; Болдирев, ҷ. 1, саҳ. 10). Аз дигар осори пажӯҳишии Бертелс дар заминаи адаби форсӣ, китоби Низомии ӯст, ки дар соли 1941/1320 ба табъ расида; ва зери матни мусаҳҳаҳи "Искандарнома"-и Низомӣ, ки дар 1948/1327 ҷоизаи давлатиро ба худ ихтисос дод (Энсиклопедияи советии тоҷик; Донишномаи Ӯзбекистон; Эроника, ҳамон ҷо; Болдирев, ҷ. 1, саҳ. 11). Ӯ дар бораи Ҷомӣ ва Навоӣ низ мақолаҳо ва китобҳое таълиф карда, аз ҷумла ду асари ӯ дар бораи Навоӣ ва Ҷомӣ ба тартиб дар 1948/1327 дар Тошканд ва дар 1949/1328 дар Душанбе чоп ва мунташир шудааст (Д. Ӯзбекистон; Эроника, ҳамон ҷо). Тарҷумаи бархе аз шоҳкорҳои адабиёти форсӣ, монанди Сафарномаи Носири Хусрав (1933) ва Қобуснома (1953) ба русӣ, аз дигар осори Бертелс аст (Эроника, ҳамон ҷо), ки сабаби ошноии мардуми советӣ бо фарҳанг ва адабиёти Эрон шуд. Вай ҳамчунин дар бархе аз донишномаҳо, бавежа "Доиратулмаорифи бузурги шӯравӣ" ва Д. ислом мақолаҳое дар муаррифии шахсиятҳои фарҳангӣ ва адабӣ навиштааст. Охирин кори барҷастаи вай пажӯҳише аст бо унвони Панҷумин мунозираи Асадии Тӯсӣ, ки пас аз вафоташ ба табъ расидааст (Болдирев, ҷ. 1, саҳ. 15). Ба тавре ки профессор Болдирев баршумурдааст, Бертелс 315 асар дошта, ки чиҳил асари ӯ ба забонҳои шарқӣ ва аврупоӣ тарҷума ва нашр шудааст ("Доиратулмаорифи шӯравии таърих", ҳамон ҷо).

Гулчини осори Бертелс пас аз вафоташ байни солҳои 1960-1965/1339-1344 дар Москва дар чор ҷилд ба чоп расид, ки иборат аст аз: Таърихи адабиёти форсӣ (тарҷумаи форсӣ: Сирус Эзадӣ, 1374); Низомӣ ва Фузулӣ; Тасаввуф ва адабиёти тасаввуф (тарҷумаи Сирус Эзадӣ, 1356); Навоӣ ва Ҷомӣ (ниг.: Д. Ӯзбекистон; Эроника, ҳамон ҷо).

**Сарчашмаҳо:**

1. Энсиклопедияи советии тоҷик, ҷ. 1, Душанбе, 1978;

2. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик, ҷ. 1, Душанбе, 1988;

3. Мустафо Ҳусейнӣ Таботабоӣ. Нақди осори ховаршиносон, Теҳрон, 1375;

4. Абулқосим Саҳоб. Фарҳанги ховаршиносон, Теҳрон, 1356;

5. Г.Ю. Алиев, "Библиография научных трудов Евгения Эдуардовича Бертельса", Советское востоковедение, 1 (1958);

6. А.Н. Болдырев, "Научное наследие Евгения Эдуардовича Бертельса" в Е. Бертельс, Избранные труды, часть I: История персидско-таджикской литературы, Москва, 1960;

7. Encyclopaedia Iranica, s.v. «Berthels» (by Michael Zand);

8. Great Soviet Encyclopaedia, New York 1973-1983, s.v. «Bertel's, Evgenii Eduardovich» (by N. M. Osmanov);

9. Советская историческая энциклопедия, II, Москва, 1962, s.v. «Бертельс» (А.Н. Болдырев);

10. Uzbek Sovet Ensiklopediyasi, II, Tashkent, 1972.

***Раҳим Мусулмониёни Қубодиёнӣ***
***Донишномаи ҷаҳони ислом, ҷилди 1, саҳ. 901 (ба форсӣ)***
***(Бунёди Доиратулмаорифи исломӣ)***